Тасдиқ мекунам
Ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улузода, доктори илмҳои филологӣ, профессор
______________ Гулназарзода Ж. Б.
"______" ______12______ соли 2024

# ТАҚРИЗИ

Муассисаи пешбар ба диссертатсияи Шарифзода Наргис Достӣ дар мавзуи "Шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни калони томактабӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) пешниҳод шудааст.

## 1. Мутобиқати диссертатсия ба соҳаи таҳқиқот

Шарифзода Наргис Достӣ дар мавзуи "Шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни калони томактабӣ" таҳқиқотро анҷом додааст, ки он ба мундариҷа ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.06 - Назария ва методикаи тарбия (аз рӯи самт ва соҳаи фаъолият) 13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ, аз ҷумла ба банди 1 - Назария, методика ва методологияи таҳқиқи масъалаҳои тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ, банди 3 - Махсусияти ҳамкории ҳамаи ниҳодҳои иҷтимоӣ вобаста ба таълиму тарбияи кӯдакони синну соли томактабӣ (оила, ҷомеа, муассисаҳои таълимии томактабӣ, мактаби ибтидоӣ, муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ, муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ) ва банди 6 - Коркарди барномаҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки тарбия ва таълими кӯдакон мувофиқ ба мазмуни фаъолияти педагогӣ мувофиқат мекунад.

## 2. Муҳиммият ва зарурати баргузории таҳқиқот

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз замони ба даст овардани соҳибистиқлолӣ, давра ба давра ба раванди таъмини тарзи ҳаёти солим дар ҷумҳурӣ, махсусан насли наврас барои нигоҳдошти саломатӣ ва баланд бардоштани сатҳи маданияти тандурустӣ дар байни аҳолӣ чораҳои амалӣ меандешад. Дар ин радиф унвонҷӯ Н.Д. Шарифзода қайд менамояд, ки ҳадафи қабул гардидани «Барномаи миллии ташаккули тарзи ҳаёти солим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020» ва «Барномаи миллии ташаккули тарзи ҳаёти солим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026» ташаккули муносибатҳои нави

шаҳрвандон тавассути принсипҳои тарзи ҳаёти солим, аз ҷумла баланд бардоштани сатҳи маърифати тарзи ҳаёти солим дар сокинони кишвар, тағйир додани муносибат ба саломатии онҳо мебошад. Тавассути барнома дар муассисаҳои таълимӣ бо кӯдакону хонандагон чорабиниҳо оид ба дарки моҳияти тарзи ҳаёти солим тавассути ҷорӣ намудани барномаҳои самарабахши таълимию тарбиявӣ оид ба тарғиби тарзи ҳаёти солим, ташкили марказҳои ташаккули тарзи ҳаёти солим ва баланд бардоштани самаранокии кори онҳо дар нигоҳдошт ва ташаккули саломатии инсон, махсусан кӯдакон ба роҳ монда мешаванд. Маҳз синну соли томактабӣ дар ташаккулёбии шахсияти инсон нақши муҳим дорад, вале мавриди ба роҳ мондани ҳамкории самарабахш бо падару модарон, мубодилаи ахбор ва кори якҷоя барои ташаккули тарзи ҳаёти солим дар кӯдакон кӯшиши зарурӣ дида намешавад. Дар ин заминаи иҷтимоӣ, омӯзиши мустақили равишҳо ва таъмини шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони 5-7 сола ҳамкории муассисаи таълимии томактабӣ ва оиларо дар ҷумҳурӣ тақозо мекунад. Аз ин лиҳоз, диссертатсияи Шарифзода Наргис Достӣ ба таҳқиқи масъалаи мазкур равона шудааст, ки ҳам аз нуқтаи назари назария ва ҳам аз назари амалия саривақтӣ ва муҳим арзёбӣ мегардад.

3. **Дараҷаи асоснокнокӣ ва муътамад будани хулосаҳо ва тавсияҳо**

Аз таҳқиқоти илмӣ бармеояд, ки ҳадафи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз таъмини роҳу усулҳои педагогии ҳамкории муассисаи таълимии томактабӣ ва оила дар ташаккули асосҳои саломатӣ ва тарзи ҳаёти солими кӯдакони синни калони томактабӣ дар шароити муосир мебошад. Барои ба ин мақсад расидан унвонҷӯ вазифаҳои таҳқиқотро пешниҳод намудааст, ки ҳалли онҳо ба коркарди навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ мусоидат намуданд.

Натиҷаҳои назаррасе, ки моҳияти навгонии илмии диссертатсияро инъикос мекунанд, инҳо мебошанд:

- роҳу усулҳои самараноки ташкили корҳои тарбиявӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва фароғатӣ дар кӯдакистон дар ҳамкорӣ бо мураббиён, волидони тарбиятгирандагон, равоншиносон ва кормандони тиб;
- амсилаи «ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдакон» ҷорӣ карда шуд, ки сохтори он ҷузъҳо, робитаҳо ва мундариҷаро дар бар гирифта, ба нигоҳдорӣ ва таҳкими саломатии кӯдак мусоидат мекунанд;
- ҳамкории самарабахши байни оила ва муассисаи томактабӣ тибқи барномаи кории «Саломатии кӯдакон - боигарии миллат», ки мундариҷаи он вохӯриҳои волидайн, суҳбату машваратҳои гурӯҳӣ ва инфиродӣ, рӯзҳои дарҳои кушод, вохӯриҳо бо мутахассисон, аз ҷумла кормандони тиб ва равоншиносонро дар бар мегирад, таъмин гардид;

- ба волидон дар суҳбату вохӯриҳо ва баргузории чорабиниҳои гуногун оид ба моҳияти тарзи ҳаёти солим, мафҳуми гигиена, тозагӣ ва аҳаммияти он барои саломатии фарзандон, пешгирии бемориҳо ва ғайра маълумот пешниҳод гардид.

4. **Аҳамияти назариявӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия**

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар равшан намудани мафҳуми «асосҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни томактабӣ», ки бо мавҷудияти дониш ва ақидаҳо оид ба унсурҳои тарзи ҳаёти солим муайян карда мешаванд; бо истифода аз амсилаи махсус таҳияшудаи ҳамкории муассисаҳои таълимии томактабӣ ва оила дар ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим, муқаррар намудани имконият ва зарурати таҳкими саломатии кӯдакон барои пешравии ҷомеа иборат мебошад.

Аҳаммияти амалии тадқиқотро фароҳам овардани шароити мусоиди педагогӣ, ки ба ташаккули тарзи ҳаёти солим ва ташаккули муносибати масъулиятшиносӣ нисбат ба нигоҳдорӣ ва таҳкими саломатӣ мусоидат мекунанд; муайян намудани шаклу усулҳои самарабахши ҳамкории оила ва муассисаи таълимии томактабӣ дар ташаккули тарзи ҳаёти солими кӯдакони синни томактабӣ; дар таҳия ва таҳияи тавсияҳои педагогӣ барои мутахассисони муассисаҳои таълимии томактабӣ ва волидон оид ба ташаккули одатҳои солим дар кӯдакони синни томактабӣ; истифодаи модули пешниҳодшуда дар системаи маориф ва тандурустӣ ташкил медиҳад. Инчунин, қисматҳои назариявию методологии таҳқиқотро метавон дар матни лексияҳо, барнома ва дастурҳои таълимию методӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ мавриди омода намудани мутахассисон дар зинаи таҳсилоти томактабӣ истифода шаванд.

5. **Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот**

аз муайян намудани нишондиҳандаҳои ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни 5 -7 сола, ташкили корҳои таҷрибавӣ оид ба санҷиши самаранокии шароити педагогии ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни томактабӣ, ҷорӣ намудани амсилаи педагогӣ дар амалияи муассисаҳои таълимии томактабии пойгоҳӣ мебошад. Ҳамчунин муҳаққиқ барномаи «Саломатии кӯдакон - боигарии миллат»-ро таҳия ва санҷидааст, ки ба ташаккули талаботи кӯдак ба тарзи ҳаёти солим дар ҳамкорӣ бо оила нигаронида шудааст. Натиҷаи таҳқиқотро дар шакли хулоса ва пешниҳодҳо дар дастуру мақолаҳои илмӣ ва конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ аз чоп баровварда ва бо маърузаҳо баромад намудааст.

## 6. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ

Муқаррароти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмию назариявӣ, мизи мудаввар ва семинарҳои давоми солҳои 2018-2023 баргузоршуда мавриди баррасӣ қарор гирифта, аз ҷумла дар маҷаллаи байналмилалии илмӣ-амалӣ, конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ ва конференсияҳоии ҷумҳуриявии илмию амалӣ унвонҷӯ мақолаҳоро чоп намуда, бо маъруза баромад намудааст. Мазмун ва натиҷаҳои асосии таҳқиқоти Шарифзода Наргис Достӣ дар 1 дастури методӣ ва 15 мақолаи муаллиф, аз ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшаванда шомилбуда, нашр шудаанд.

## 7. Ҳаҷм ва сохтори таҳқиқоти диссертатсионӣ

Рисолаи илмӣ дар ҳаҷми 180 саҳифаи матни компютерӣ чоп гардида, аз муқаддима, ду боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт (177 номгӯй) иборат буда, дар он 6 диаграмма, 4 нақша, 2 ҷадвал, 8 расм истифода шудааст. Рисолаи илмӣ 4 замимаро дар бар мегирад.

**Дар муқаддима** аҳаммият ва мубрамияти мавзуи диссертатсия, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, инчунин аҳамияти назариявию амалии он, баргузории марҳилаҳои таҳқиқот ва корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ дар пойгоҳҳои таҳқиқотӣ баррасӣ гардидааст.

**Дар боби якуми диссертатсия “Асосҳои назариявии ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни калони** томактабӣ” мавриди омузишу таҳлил қарор ёфтааст. Дар боби мазкур таҳлили масъалаи ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар адабиётҳои педагогӣ, психологӣ ва методӣ баррасӣ шудааст. Дар чараёни шиносоӣ бо рисолаи илмӣ маълум гардид, ки Шарифзода Наргис Достӣ хеле ҳамаҷониба бо адабиёти илмӣ доир ба мавзуи таҳқиқот кор кардааст. Аз ҷумла, диссертант ақидаҳои олимони хориҷию ватаниро оид ба ташкили тарзи ҳаёти солим омӯхтааст ва дар таҳқиқоти худ истифода бурдааст. Аз ҷумла, масъалаҳои психологию педагогӣ оид ба ташаккули тарзи ҳаёти солим дар асарҳои муҳаққиқони хориҷӣ И.И.Брехман, Г.М.Коджаспирова, Э.П.Беспалко, Л.Абрахамян, Т.Репина, М.И.Лисина, И.В.Дубровина, А.Г.Шедрин, Н.Ю.Савелева, Т.Л.Богина, В.Н.Филипова, Н.А. Андреева, О.С. Василева, И.К. Спирина, В.Р. Шухатович, А.Г.Шедрина ва дигарон инъикос ёфтаанд.

Дар асарҳои худ муҳаққиқони тоҷик М.Лутфуллоев, Ф.Шарифзода, Б.Р.Қодиров, Х.Раҳимзода, А.Нуров, Б.Раҳимов, Ш.Сафаров, Т.Б.Намозов, Д.Каримова, Ф.Партоев, Курбонов Ф.А., Қодирова Х.М., Сангинов Б.К. ва дигарон назарияҳои худро оид ба масъалаи мазкур

баррасӣ ва арзёбӣ намудаанд.

Аз таҳқиқотҳои диссертант собит гардидааст, ки имрӯз таъмини саломатӣ ва таҳкими он дар байни насли наврас ба яке аз самтҳои муҳими сиёсати давлат табдил ёфтааст. Махсусан, синни томактабӣ дар ташаккули асосҳои солимии ҷисмонӣ ва руҳӣ аҳамияти ниҳоят калон дорад, зеро дар ин давра инкишофи пуршиддати узвҳо ва ташаккули системаҳои функсионалии бадан ба амал меояд ва ташаккули базаи дониш ва малакаҳои амалии тарзи ҳаёти солим, эҳтиёҷоти бошуурона ба тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш муҳим аст.

Ба андешаи диссертант мураттабсозии системаи ташаккули саломатии кӯдакон бо истифода аз усул ва технологияҳои тарбиявии аз ҷиҳати нигоҳдошти саломатӣ муҳофизаткунанда дар ҳамоҳангсозии фаъолияти мураббиён ва падару модар мубрам ҳисобида мешавад.

Ба ақидаи муаллиф, ин раванд асоси низоми инноватсионии ташаккули саломатӣ, қобилият, шавқу рағбат ва дурнамои рушд, ҳамоҳангсозии фаъолияти тамоми мутахассисони кӯдакистон интихоб гардида, афзалият ба метод ва усулҳои босамари таълим дода мешавад. Ҳамин тариқ, ташаккул ва инкишофи тамоми ҷузъҳои саломатӣ барои инкишофи ҳамаҷонибаи кӯдак зарур аст.

Қобили зикр аст, ки муҳаққиқ нуқтаи назари олимони хориҷию ватаниро мавриди таҳлил қарор додааст. Ба асарҳои олимон М.И.Лисин, Н.М.Шелованова, А.М. Прихожан, Н.М.Амосов, Н.Г.Веселов, М.Я.Виленский, Н.П.Дубинин ва муҳаққиқони ватанӣ М.Лутфуллозода, Ф.Шарифзода, Х.Раҳимзода, Ш.Сафаров, И.Каримова, Д.Каримова, Ф.Партовов, Б.Маҷидова, Н.Юнусова, Л.Иматзода, М.Обидова ва дигарон такя намуда, омилҳоеро муайян кардааст, ки ба инкишофи ҷисмонӣ ва равонии кӯдак таъсир мерасонанд. Дар байни инкишофи ҷисмонӣ ва психикии кӯдак робитаи зич вуҷуд дошта, инкишофи ҷисмонӣ дар як вақт инкишофи психикиро таъмин менамоянд.

Дар идома барои ҳалли масъалаҳои ташкилию методӣ, ки бо ташкили нави муҳити зист ва пурзӯр намудани усулҳои пешгирӣ алоқамандананд, шаклҳои нави инноватсионии ташкили фаъолияти солимгардонии ин муассисаҳоро тавсиф додааст.

**Боби дуюм “Корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ оид ба ташаккули тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни калони томактабӣ”** номгузорӣ шуда, дар он мақсаду вазифаҳо, инчунин метод ва усулҳои таъсиррасонӣ ба кӯдак, ки хусусиятҳои инфиродии ҳар як кӯдакро ба назар мегирад, баррасӣ гардидааст.

Мавриди кор диссертант Н.Д. Шарифзода муайян намудааст, ки ҳадафҳои таълим дар асоси баҳодиҳии қобилияти ҷисмонӣ ва ақлии

кӯдак муайян карда мешаванд. Татбиқи он вазифаи волидон ва мураббиёни муассисаҳои томактабӣ мебошад. Зимни баргузории озмоиш дар муассисаҳои таълимии томактабӣ як қатор мушкилиҳо барои фароҳам овардани шароити муътадил ҷавобгӯ ба ниёзҳои гизоӣ ва саломатии кӯдак, муҳофизат кардани онҳо аз таҳдидҳои беруна ва фароҳам овардани имконият барои рушди кӯдак тавассути ҳамкорӣ бо калонсолон муайян гардиданд.

Қайд гардидааст,ки ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдакон бе дастгирӣ ва кумаки падару модар ғайриимкон мебошад. Мавриди суҳбат бо падару модар дар бораи шавқмандии фарзандон дар кӯдакистон, бо кадом фаъолиятҳо машғул будан ва дар хона кадом тадбирҳоро андешидан лозим аст, ки ба саломатии он зарар расонида нашавад, бадани ӯ обутоб ёбад ва шавқу рағбат ба ҳаракатҳои фаъол бедор карда шавад, маълумоти дақиқ гирифта шудааст.

Ба мақсади тартиб додани нақшаҳои фардии инкишофи саломатии кӯдак зимни ба назар гирифтани ҳолати саломатии кӯдакон, қобилиятҳои индивидуалӣ, шавқу ҳавас ва дурнамои инкишофи онҳо фаъолияти ҳамаи мутахассисони кӯдакистонҳоро мутобиқ кардан зарур аст. Инчунин, методу усулҳои мусоиди таълимро интихоб кардан лозим аст, ки ба рушди солими кӯдак мусоидат кунанд. Аз ҷониби муҳаққиқ амсилаи педагогии «Ташкили кор оид ба ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони 5-7 сола» коркард шудааст, ки се қисмати алоқамандро дар бар мегирад.

Муҳаққиқ дар қисмати озмоиши кор хеле хуб қайд кардааст, ки Мақсади асосӣ додани донишҳои касбӣ ба мутахассисон оид ба ташаккули асосҳои тандурустӣ, расонидани ёрии психологию педагогӣ барои аз худ намудани малакаҳои ташкили нигоҳдории амалии тандурустӣ мебошад.

Дар рафти тадқиқот барномаи махсус таҳия ва амалӣ карда шуд, ки мундариҷаи он ба ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим нигаронида шуда, аз 19 машғулият-бозӣ иборат буд. Барнома на танҳо барои кӯдакони синни томактабӣ пешбинӣ шудааст, балки иштироки фаъолонаи мутахассисон ва волидонро дар раванди ташаккули ҳифзи ҳаёти кӯдакон ва таҳкими саломатии онҳо, шавқ ба намудҳои гуногуни фаъолияти ҷисмонӣ, ташаккули асосҳои тарбияи ҷисмонӣ, некӯаҳволӣ ва ниёз ба машқҳои ҳаррӯзаи ҷисмониро дар назар дорад.

Мушоҳида гардид, ки аз ҷониби муҳаққиқ дар баргузории озмоишҳои асосӣ шаклҳои гуногуни ташкили кор оид ба назорат ва ба қайд гирифтани инкишофи кӯдакон истифода гардид, ки ҳар кадоми онҳоро вобаста ба тайёрӣ ва салоҳияти касбии кормандон истифода

намудааст. Муҳим он буд, ки ҳар як мутахассис дар раванди кори озмоишӣ, кӯмаки методӣ ва машваратӣ масъулияти худро ба ӯҳда гирифта, ба ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони 5-7-сола масъулият зоҳир намуда, бо волидон ҳамкорӣ намуд.

Дар хулоса унвонҷӯ қайд кардааст, ки баланд бардоштани сифати тайёрии касбии мураббиён, ташаккул додани шахсияти онҳо, дарки масъулиятшиносӣ дар тарбия ва муҳофизат намудани саломатии равонию ҷисмонии кӯдакон аз рӯзи таваллуд то ба таҳсил фарогирии онҳо вазифаи муҳим мебошад. Махсусан, таъмин намудани шароитҳо барои ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни калони томактабӣ ҳамкорию ҳамдастии мураббиён, падару модар, ҳамшираҳои тиббӣ, равоншиносон ва шахсони мутассадиро талаб мекунад.

Арзиши илмию амалии диссертатсияи мазкур чунин аст:

- дастгоҳи илмии таҳқиқот дуруст баён гардидааст;

- кори таҷрибавию озмоишӣ пурра ба мавзуи диссертатсия мувофиқат карда, натиҷаи он дар расм нақша ва диаграммаҳо пешниҳод гардидаанд;

- хулосаҳои боби якуму дуюм ва хулосаҳои умумӣ ба мазмуни матн, иҷрои мақсаду вазифаҳои дар рисола гузошташуда комилан мувофиқат менамоянд.

- пояи таҳқиқотӣ ва татбиқи амалии нуқоти илмӣ, методҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, корҳои анҷомдода дар ҳар як давраи таҳқиқот, мантиқи фикрронии довталаб, сарфи назар аз баъзе норасоиву камбудиҳои ҷузъӣ, ба талабот ҷавобгӯ мебошанд.

Дастгоҳи илмӣ ва сохтори диссертатсия, автореферати он мувофиқи талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.06. - Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01), автореферат ҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда дар сатҳи хуб таҳия гардида, муҳтавои автореферат ба мазмуни диссертатсия мувофиқ ва тасаввуроти аникро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад.

## 8. Эродҳо доир ба диссертатсия

Новобаста аз он ки диссертатсияи мазкур ҷанбаҳои зиёди бартариҳоро дорад, баъзе камбудиҳо низ ҷой дорад:

1. Дар саҳ.39 диссертатсия нақшаи 2 оид ба “Системаи ташаккули саломатии кӯдакон” оварда шудааст. Аммо нишондиҳандаҳои дар нақша овардашуда аз ҷониби муҳаққиқ пурра кушода дода нашудааст. Аз ин лиҳоз хуб мешуд, ки барои мукаммалтар намудан ва илман асоснoктар сохтани муҳтавои нишондиҳандаҳо муаллиф ҳар як қисми ҷадвалро

мавриди таҳлил қарор медод, ки ба диссертатсия арзиши илмии бештар мебахшид.

2. Мувофиқи мақсад мебуд, агар дар рисолаи илмӣ интихоби аниқу саҳеҳи пойгоҳҳои таҳқиқотӣ, аз ҷумла муассисаҳои таълимии томактабии давлатӣ ва хусусӣ, ки озмоишҳои таълимӣ гузаронида шудаанд, асоснок мегардид. Дар ин маврид, муаллиф самаранокии амсилаи педагогии «Ташкили кор оид ба ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони 5-7 сола» ва барномаи кории «Саломатии кӯдакон - боигарии миллат»-ро дар алоҳидагӣ ва бо муқоиса мавриди озмоиш қарор медод, ки натиҷаҳои таҳқиқот боз самараноктар мешуд.

3. Дар зербоби 1.2., ки "Мавқеи оила ва муассисаи таълимии томактабӣ дар ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солими кӯдакон" унвон дорад, мебоист кор бо оиларо дар таъмин намудани муҳити тандурустӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим дар доираи «Барномаи миллии ташаккули тарзи ҳаёти солим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020» ва «Барномаи миллии ташаккули тарзи ҳаёти солим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026» мавриди назар қарор медоданд, ки мазмуну муҳтавои ин зербоб боз ҳам мукаммалтар мегардид.

4. Дар матни диссертатсия ва автореферат баъзе ҳолатҳои риоя нашудани муқаррароти Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ба назар мерасад, ки ислоҳ мехоҳанд.

Вале метавон гуфт, ки камбудиҳои ҷойдошта ба кор таъсири манфӣ намерасонанд, характери тавсиявӣ доранд. Рисолаи илмӣ ва фишурдаи он дар сатҳи зарурӣ омода шуда, аз ҷиҳати мазмун мувофиқи талабот мебошанд.

Тавре муҳаққиқ қайд менамояд, дар ин барномаҳо мақсад, вазифа, мазмун ва роҳҳои таъсиррасонии калонсол ба шахсияти кӯдакон дар асоси баҳисобгирии хусусиятҳои синнусолӣ ва фардии онҳо муайян гардидааст.

## 9. Мувофиқати мазмуни автореферат ва диссертатсия ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Автореферати диссертатсия мазмуни асосии таҳқиқоти диссертатсиониро дар худ инъикос намудааст ва дар он тавсифи умумии кор, муҳавои асосии диссертатсия, навгониҳои илмӣ, ки ба ҳимоя бароварда мешаванд, ҷой дода шудааст. Кори диссертатсионӣ аз рӯйи сохтор, таркиби бобҳо, мазмун ва мантиқ ба талабот ҷавобгӯй мебошад. Диссертант аз адабиёти илмии зарурӣ дар самти таҳқиқоти мазкур огоҳии комил ва ҳамаҷониба дорад.

## Хулосаи умумӣ

Дар маҷмуъ таҳқиқоти диссертатсионии Шарифзода Наргис Достӣ

дар мавзуи “Шароитҳои педагогии ташаккули асосҳои тарзи ҳаёти солим дар кӯдакони синни калони томактабӣ” кори таҳқиқоти нав, навгониҳои илмии аҳаммияти назариявӣ ва амалидошта мебошад ва яке аз мавзуъҳои нисбатан кам таҳқиқшада ва мубрами зинаи таҳсилоти томактабӣ маҳсуб меёбад. Рисолаи илмӣ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Шарифзода Наргис Достӣ сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯйи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) мебошад.

Тақриз аз тарафи эксперт, доктори илмҳои педагогӣ, профессор Шоҳиён Нурали Набот мураттаб шудааст.

Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода бо иштироки Шарифзода Наргис Достӣ баррасӣ ва муҳокима гардида, тақризи мазкур якдилона тариқи овоздиҳии кушоди ҳозирин тасдиқ карда шуд (қарори №4 аз 30. ноябри соли 2024)

Раиси ҷаласаи кафедраи умумидонишгоҳии
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои
хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода
доктори илмҳои педагогӣ, профессор Шоҳиён Нурали Набот

И.в. мудири кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои
хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода,
номзади илмҳои географӣ, и.в. дотсент Қодиров Ш.С.

Котиби ҷаласа Нураҳмадзода Д.

30.11.2024

**Маълумот барои тамос: Нишонӣ:** 734019. ш.Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6.
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода
Тел.: +992 372325000; Факс: +992 372325003; Сомона: www.ddzt.tj

Имзои Шоҳиён Нуралӣ Набот, Қодиров Шарифалӣ Саидқулович, ва Нураҳмадзода Дилафрузро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадр ва корҳои махсуси
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода, **Халифаев Фазлиддин Нусратуллоевич**